«Мувофиқа карда шуд»
Сардори Хадамоти зиддиинҳисории
назди Ҳукумати Чумҳурии Тоҷикистон

_____ Раҷабзода Ҳ. Р.
"__20__"__10__соли 2026

«Тасдиқ менамояд»
Раиси Кумитаи давлатии идораи замин
ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон

_____ Хоҷазода О. А.
"____" _____соли 2026

Нархномаҳо
барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин

Б О Б И I

МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Нархномаҳо барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин (боби 1) тибқи талаботи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», банди 4 «Низомномаи Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда тартиб дода шуда, дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди амал қарор дода мешавад.

2. Тартиби иҷрои корҳои заминсозӣ ва таҳияи парвандаҳои заминсозӣ дар асоси талаботҳои Кодекси замин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи заминсозӣ” ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда амалӣ карда мешавад.

3. Маблағи 8%, ки дар асоси банди 31-и Оинномаи КВД «Бақайдгирии молу мулки ғайриманқул» барои пешбурд ва ҳимояи феҳристи ягонаи давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он, ҳамкорӣ ва мубодилаи маълумот, нигоҳдорӣ ва тақвият додани барномаи электронии низоми иттилоотии бақайдгирӣ (НИБ), додани машваратҳои ҳуқуқӣ, пешбурди корҳои иттилоотӣ, таълимӣ, баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ, назорати анҷомдиҳии амалиёти бақайдгирии давлатӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон пешбинӣ шудааст, дар Нархномаи мазкур дохил карда шудааст.

4. Дар Нархномаи мазкур маблағи андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ба инобат гирифта нашудааст.

5. Ҳангоми бо хоҳиши фармоишгар ба таври фаврӣ иҷро намудани корҳо ба Нархномаи мазкур коэффитсиенти афзункунандаи К-2,0 бо бастани шартнома тибқи тартиби қонунгузории амалкунанда амалӣ карда мешавад.

6. Нархномаҳо барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин дар ҳолати шароити мӯътадил ва мусоиди табиӣ барои корҳои саҳроӣ муайян шудааст. Ҳангоми дар шароити номусоиди меҳнатӣ гузаронидани корҳои саҳроӣ ба Нархномаи мазкур коэффитсиентҳои афзункунандаи зерин истифода бурда мешавад:

- ҳангоми аз 0^0C паст будан ва аз 40^0C баланд будани ҳарорати ҳаво коэффитсиенти К-1,3;

- ҳангоми иҷрои корҳои саҳроӣ дар ҳудудҳои реҷаи махсус ва қитъаҳои замини дараҷаи радиатсияи баланд коэффитсиенти афзункунандаи К-1,3;

Оид ба шароитҳои номусоиди меҳнатӣ санади тасдиккунандаи роҳбари корхона бо мувофиқа бо кумитаи иттифоқи касабаи корхона тартиб дода мешавад.

7. Нархнома дар ҳолати ба иҷора додани қитъаи замин, иҷораи фаръӣ, қисман додани қитъаи замин ба иҷора бо қабули коэффисиенти камкунандаи К-0,5 аз Нархномаи асосӣ амалӣ карда мешавад.

8. Муҳлати тайёр намудани парвандаи заминсозӣ аз тарафи мақоми махсуси ваколатдори давлатӣ дар соҳаи бақайдгирии молу мулки ғайриманқул муайян карда шудааст.

9. Ҳангоми вобаста намудани қитъаи замин бинобар гузариши ҳуқуқи моликият ба таври пурра ва дар ҳолати мавҷуд будани парвандаи заминсозии қаблӣ ва тағйир наёфтани сарҳади қитъаи замин коэффитсиенти камкунандаи К- 0,3 аз Нархномаи асосӣ истифода бурда мешавад.

10. Дар мавриди қабул намудани аъзо ва ё иваз намудани саҳмдори хоҷагии деҳқонӣ Нархнома бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К – 0,3 амалӣ карда мешавад.

11. Барои муайян намудани Нархномаи парвандаи заминсозӣ барои иншоотҳои хаттӣ Нархнома барои таҳияи парвандаи заминсозӣ барои сохтмонҳо истифода бурда мешавад.

12. Ҳангоми анҷом додани дигар намуди корҳои заминсозӣ вобаста ба намуди кор коэффитсиенти камкунандаи К-0,5 аз Нархномаи асосии ҳамон намуди кор истифода бурда мешавад.

13. Дар мавриди тайёр намудани парвандаҳои заминсозӣ, ки дар таҳияи онҳо таҷҳизотҳои ҳозиразамони геодезӣ истифода нашудааст, коэффитсиенти камкунандаи К-0,8 истифода мешавад.

14. Ҳангоми таҳия намудани парвандаҳои заминсозии қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешавад:

- аз 1 500 м^2 то 2 000 м^2 коэффитсиенти камкунандаи К-0,9, аммо на камтар аз арзиши 1 499 м^2 бе истифода аз коэффитсиенти камкунанда;

- аз 2 000 м^2 то 2 500 м^2 коэффитсиенти камкунандаи К-0,8, аммо на камтар аз арзиши 1 999 м^2 бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;

- аз 2 500 м^2 то 3 000 м^2 коэффитсиенти камкунандаи К-0,7, аммо на камтар аз арзиши 2 499 м^2 бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;

- аз 3 000 м^2 то 3 500 м^2 коэффитсиенти камкунандаи К-0,6, аммо на камтар аз арзиши 2 999 м^2 бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;

- аз 3 500 м^2 зиёд коэффитсиенти камкунандаи К-0,5, аммо на камтар аз арзиши 3 499 м^2 бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;

15. Ҳангоми таҳия намудани парвандаҳои заминсозӣ барои сохтмонҳо (ба ғайр аз парвандаҳои заминсозӣ барои биноҳои истиқоматии

баландошёна) коэффитсиентҳои камкунандаи зерин истифода бурда мешавад:

- аз 20 000 м² то 30 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,9, аммо на камтар аз арзиши 19 999 м² бе истифода аз коэффитсиенти камкунанда;
- аз 30 000 м² то 50 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,8, аммо на камтар аз арзиши 29 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 50 000 м² то 70 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,7, аммо на камтар аз арзиши 49 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 70 000 м² то 100 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,6, аммо на камтар аз арзиши 69 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 100 000 м² то 150 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,5, аммо на камтар аз арзиши 999 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 150 000 м² зиёд коэффитсиенти камкунандаи К-0,4, аммо на камтар аз арзиши 149 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,5.

16. Ҳангоми таҳия намудани парвандаҳои заминсозӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар намуди хоҷагидорӣ:

- аз 50 000 м² то 70 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,9, аммо на камтар аз арзиши 49 999 м² бе истифода аз коэффитсиенти камкунанда;
- аз 70 000 м² то 100 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,8, аммо на камтар аз арзиши 69 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,9;
- аз 100 000 м² то 150 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,7, аммо на камтар аз арзиши 99 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,8;
- аз 150 000 м² то 200 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,6, аммо на камтар аз арзиши 149 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,7;
- аз 200 000 м² то 300 000 м² коэффитсиенти камкунандаи К-0,5, аммо на камтар аз арзиши 199 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,6;
- аз 300 000 м² зиёд коэффитсиенти камкунандаи К-0,4, аммо на камтар аз арзиши 299 999 м² бо истифода аз коэффитсиенти камкунандаи К-0,5.

17. Арзиши дилхоҳ парвандаи заминсозӣ аз 200 000 (дусад ҳазор) сомонӣ зиёд шуда наметавонад.

18. Дар мавриди кам шудани маблағи хизматрасонӣ барои корҳои заминсозӣ ҳадди ақали Нархнома барои таҳия намудани парвандаҳои заминсозӣ чунин муқаррар карда мешавад:

а) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ:

- барои шахсони воқеӣ - 1000 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 1 300 сомонӣ;

б) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои сохтмонҳо (ба ғайр аз объектҳои саноатӣ ва биноҳои истиқоматии баландошёна);

- барои шахсони воқеӣ - 2000 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 2 600 сомонӣ;

в) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои сохтмони объектҳои саноатӣ ва биноҳои истиқоматии баландошёна;

- барои шахсони воқеӣ – 10 000 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 13 000 сомонӣ;

г) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) (ба ғайр аз хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои боғпарварӣ дар заминҳои обӣ);

- барои шахсони воқеӣ – 1500 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ – 2000 сомонӣ;

ғ) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) барои боғпарварӣ дар заминҳои обӣ;

- барои шахсони воқеӣ – 2 300 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ – 3 000 сомонӣ;

д) Ҳадди ақали Нархнома барои дигар намуди хизматрасониҳо, барои муайян намудани координатаҳои нуқтаҳои кунҷҳои гардиш ва дигар намуди корҳои геодезӣ бо истифода аз таҷҳизотҳои геодезӣ;

- барои шахсони воқеӣ – 900 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 1 200 сомонӣ;

е) Ҳадди ақали Нархнома барои дигар намуди хизматрасониҳо, иваз намудани нақшаи заминистифодабарӣ, муоинаи сарҳади қитъаи замин ва муайян намудани масоҳати қитъаи замин бе истифода аз таҷҳизотҳои геодезӣ;

- барои шахсони воқеӣ – 400 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 520 сомонӣ;

ё) Ҳадди ақали Нархнома ҳангоми таҳияи парвандаҳои заминсозӣ дар мавриди гузариши ҳуқуқи моликият ба таври пурра ва дар ҳолати мавҷуд будани парвандаи қаблӣ ва тағйир наёфтани сарҳади қитъаи замин:

- барои шахсони воқеӣ – 550 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ – 700 сомонӣ;

ж) Ҳадди ақали Нархнома барои таҳияи парвандаҳои заминсозӣ барои хоҷагиҳои ёрирасон ва дигар намуди хоҷагидорӣ;

- барои шахсони воқеӣ – 1 200 сомонӣ;
- барои шахсони ҳуқуқӣ – 1 550 сомонӣ.

19. Дар мавридҳои зарурӣ ташкилотҳои минтақавии бақайдгирӣ метавонанд бо назардошти ҳадди ақали Нархнома барои иҷрои корҳои геодезӣ, нақшакашӣ, муайян намудани масоҳати объектҳо, тарҳкашӣ ва

ғайраҳо ва бо риояи ҳатмии талаботҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартномаи тарафайн баста, корҳои заминсозиро иҷро менамоянд.

20. Барои ноҳияҳои дорои шароитҳои махсуси табиию иқлимӣ, дурдаст ва баландкӯҳ (Лахш, Тоҷикобод, Сангвор, Куҳистони Мастчоҳ, Истиқлол, Айнӣ, Балҷувон, Ш. Шоҳин, Дарвоз, Ванҷ, Рушон, Роштқалъа, Ишкошим ва Мурғоб) дар Нархнома коэффитсиенти камкунандаи К-0,7 истифода мешавад.

21. Нархнома барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин барои иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, маъюбони гурӯҳи 1, 2 ва иштирокчиёни воқеаҳои Чернобил 50 фоиз ва ба оилаҳои камбизоат 30 фоиз имтиёз муқаррар карда мешавад.

22. Пардохти маблағи ҳама намуди хизматрасониҳо танҳо тариқи ғайринақдӣ амалӣ карда мешавад.

«Мувофиқа карда шуд»
Сардори Хадамоти зиддиинҳисории
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____ Раҷабзода Ҳ. Р.
"___"_____соли 2026

«Тасдиқ менамояд»
Раиси Кумитаи давлатии идораи
замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон
_____ Хоҷазода О. А.
"____" _____соли 2026

Нархнома
барои хизматрасонии корҳои заминсозӣ ва кадастри замин

№ р/т	Номгӯи нархномаҳо	Воҳиди ченак	Арзиш сомонӣ (бе назардошти ААИ)
1	Нархнома барои таҳияи парвандаи заминсозӣ барои қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 м²	 2,00 2,50
2	Нархнома барои таҳияи парвандаи заминсозӣ барои сохтмонҳо - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 м²	 0,40 0,50
3	Нархнома барои таҳияи парвандаи заминсозӣ барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар намуди хоҷагидорӣ - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 м²	 0,15 0,20
4	Гузаронидани экспертизаи парвандаи заминсозӣ (ҳуҷҷатҳои заминсозӣ) - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 парвандаи заминсозӣ	 360,0 450,00
5	Нархнома барои муайян намудани координатаҳои нуқтаҳои кунҷҳои гардиш бо истифода аз асбобҳои геодезӣ - шахсони воқеӣ - шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 нуқтаи координатаи кунҷи гардиш	 27,00 35,00

6	Нархнома барои гирифтани хулосаҳои ташкилоту идораҳои дахлдор ба парвандаи заминсозӣ - шахсони воқеӣ - шахсонӣ ҳуқуқӣ ва шахсони воқеию ҳуқуқии хориҷӣ	1 хулоса	 180,00 235,00

Эзоҳ: Дар банди 1, 2 ва 3-и ҷадвали Нархнома маблағи экспертизаи парвандаи заминсозӣ ҳисоб карда шудааст. Ҳангоми истифода аз стансияҳои доимоамалкунада ва нуқтаҳои геодезии дараҷаи I, II ва III дар банди 5-и ҷадвали Нархнома 550 сомонӣ илова карда мешавад.